«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон, д.и.т., профессор
_____________ Назарзода Х.Х.
«_24_» ______06______ соли 2023

**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Сафоев Абдумаҷид Каримович дар мавзӯи «Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешбинӣ гардидааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**.

Таҳқиқот ба талаботи шиносномаи тахассус – 08.00.06.04. – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо, бандҳои 10.1. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ дар корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо; 10.3. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ; 10.5. Механизмҳои институтсионалии идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ. Идоракунии тағйирот дар низомҳои иқтисодӣ; 10.7. Лоиҳакашии низоми идоракунии ташкилот. Идоракунии зернизомҳо ва функсияҳои алоҳидаи он, равандҳо ва захираҳои истеҳсолӣ, дороиҳои ғайримоддӣ (патентҳо, ноу-хау, имиҷ, бренд ва ғ.). Идоракунии лоиҳаҳо, коркарди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва идоракунии он, идоракунии донишҳо, хавф (риск), сифат, бизнес-равандҳо дар ташкилот. Методология ва методҳои идоракунии инноватсионӣ, низоми инноватсионии корпоративӣ; 10.8. Ҷанбаҳои методӣ ва методологии арзёбии самаранокии идоракунии низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Методҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷабахшии идоракунӣ. Ташкил ва идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии ташкилот. Тарҳрезӣ, таҳияи усулҳо ва воситаҳои мониторинги равандҳои истеҳсолот ва дигар равандҳои ба он алоқманд; дурнамогирӣ, банақшагирӣ ва идораи равандҳои истеҳсолӣ ва натиҷаи онҳо. Назорат, мониторинг ва татбиқи муносибатҳои бенчмаркинг дар низоми идоракунии ташкилот. Механизмҳо ва методҳои қабул ва амалисозии

қарорҳои идоракунӣ. Идоракунии лоиҳаҳо. Идоракунии равандҳои истеҳсолот, низоми муосири истеҳсолӣ мутобиқат менамояд.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.**

Хусусияти татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он таҷассум мегардад, ки он дар ду сатҳ сурат мегирад. Сатҳи якум - ин лоиҳаҳое мебошанд, ки дар минтақаҳо тавассути Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ амалӣ мешаванд ва сатҳи дуюм - ин лоиҳаҳое мебошанд, ки худи минтақаҳо барои татбиқ пешниҳод менамоянд. Аз нуқтаи назари илмӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ на танҳо ҳамчун нишондиҳандаи самтҳои истифодаи захираҳои сармоягузории давлатӣ ва хусусӣ, балки ҳамчун нишондиҳандаи вазъи иқлими сармоягузорӣ дар кишвар баромад мекунанд, ки бевосита муносибати байни манфиатҳои давлат ва бахши хусусиро дар раванди сармоягузорӣ нишон медиҳад. Баррасии раванди таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ, ҳамчун нишондиҳандаи вазъи иқлими сармоягузорӣ ин самти нав дар назарияи идоракунӣ буда, аз ин рӯ, омӯзиши амиқи принсипҳои идоракунӣ, меъёрҳои баҳодиҳӣ ва имкониятҳои тавсеаи фазои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро талаб менамояд. Чунин тартиби масъалагузорӣ зарурияти интихоби мавзӯи таҳқиқоти зикршуда, арзиши илмии он ва мубрамиятро пешакӣ муайян кардааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.**

Натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд ва дорои навгонии илмӣ мебошанд, чунинанд:

- хусусиятҳои идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлили амиқи мафҳум ва категорияи «фаъолияти сармоягузорӣ» ҳамчун маҷмуи васеи самтҳои ояндадори татбиқи он, таъминоти захиравӣ, сатҳи самаранокӣ ва омилҳои таъсиррасонӣ бо маблағузорӣ ба сармояи асосӣ алоқаманд, ошкор карда шудааст;

- усулҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат, тавассути ташкил ва аалинамоии барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, инчунин беҳтарсозии фазои дохилию берунии муҳити фаъолияти сармоягузорӣ, муайян карда шудаст;

- дезагрегатсияи мафҳуми «лоиҳаҳои сармоягузорӣ» дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа бо истифода аз меъёрҳои гуногун, гурӯҳбандӣ карда шуд;

- ҷанбаҳои методологӣ ва муаммоҳои идоракунии раванди саноатикунонии босуръати мамлакат тавассути татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа ошкор гардида, шаклҳои танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи саноат пешниҳод гардид;

- нишондиҳандаҳои тамоюл ва имконоти тавсеаи фазои саноатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имкониятҳои истифодабарии он барои гурӯҳбандии минтақаҳо аз нуқтаи назари рушди саноат асоснок ва муайян карда шудааст. Муайян карда шудааст, ки ба чунин нишондиҳандаҳо шомиланд: рушди солонаи ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, сохтори истеҳсоли маҳсулот аз рӯйи бартарияти нишондиҳандаҳои асосии саноатӣ, вазни қиёсии минтақаи алоҳида дар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, раванди ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷи дар минтақа ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар;

- нишон дода шудааст, ки усули барномавии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ тавассути татбиқи Барномаи миёнамуҳлати сармоягузориҳои давлатӣ, усули муҳими идоракунӣ дар ноил гардидан ба мақсади саноатикунонии босуръати мамлакат мебошад. Дар кори илмӣ асоснок карда шудааст, ки тартиботи маъмурӣ, муайянкунии меъёрҳо барои ворид намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ, муайянкунии сарчашмаҳои маблағгузорӣ, инчунин ба инобат гирифтани таъсири хавф ҳангоми татбиқи онҳо, воситаи асосии идоракунӣ дар маблағгузорӣ ва татбиқи амалии вазифа дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат ба ҳисоб меравад.

- ошкор карда шудааст, ки дезагрегатсияи мафҳуми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат имконият медиҳад, ки гурӯҳбандии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ дар раванди банақшагирии пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ арзёбӣ гардида, зарурияти банақшагирии пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузории минтақавии афзалиятдошта, ҳамчун механизми идоракунии тавсеаи фазои саноатии кишвар асоснок карда шавад. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки дар раванди банақшагирии пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҳиссаи

лоиҳаҳои сармоягузории ҷумҳуриявӣ дар самти саноат, ки бештар ба рушди инфрасохтори саноатӣ тааллуқ дорад, камтар ба назар мерасад;

- дар асоси таҳлили индекси рушди солонаи ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, сохтори истеҳсоли маҳсулот аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосии саноат, вазни қиёсии минтақаи алоҳида дар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, раванди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар, ҳолати кунунии раванди саноатикунонии босуръати минтақаҳои кишвар муайян карда шуд. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки барои бештар самаранок истифода бурдани иқтидори ашёи хом ва бойгарии табиии минтақаҳо, баланд бардоштани ҳиссаи лоиҳаҳои сармоягузории сатҳи ҷумҳуриявӣ дар раванди саноатикунонии босуръат дар ҳар як минтақаи кишвар Шурои машваратӣ оид ба рушди соҳаи саноат бояд созмон дода шуда ва фаъолияти он бо Шуроҳои маҳаллию минтақавии соҳибкорию сармоягузории амалкунанда ҳамоҳанг карда шавад;

- баҳодиҳии самаранокӣ ва идоракунии давлатии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ нишон доданд, ки бо мақсади баланд бардоштани нақш ва мақоми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръат, дар баробари Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ, бо назардошти иерархияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа ва зиёд намудани ҳиссаи саноати коркард дар сохтори саноати мамлакат, зарур аст, ки Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноат таҳия ва қабул карда шавад;

- ошкор карда шудааст, ки муҳимтарин қарори идоракунӣ дар сатҳи давлатӣ бо мақсади тавсеаи фазои саноатии мамлакат, ин ҷорӣ намудани механизми дусатҳаи идоракунӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад. Дар кори диссертатсионӣ нишон дода шудааст, ки ҷорӣ намудани чунин механизми дусатҳа имкон медиҳад, ки самтҳои стратегии амалӣ намудани ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар асоснок карда шаванд. Инчунин дар кори диссертатсионӣ бо истифода аз амсиласозии иқтисодӣ-математикӣояндабинии ҳаҷми сармоягузорӣ ва маҳсулоти саноатии кишвар барои давраи то соли 2030 дар асоси амалишавии бандҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва эълони ҳадафнок - солҳои 2022-2026-«Солҳои рушди саноат» муайян карда шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Дар **муқаддима** мубрам будани рисолаи илмӣ асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи кор, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисолаи илмӣ муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори рисолаи илмӣ пешбинӣ гардидааст (саҳ. 5-22).

Дар боби 1. «Асосҳои назариявии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат» докторант масъалаҳои лоиҳаи сармоягузорӣ, ҳамчун воҳиди ченаки ҳолати фазои сармоягузорӣ дар кишвар, усулҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат ва дастгоҳи консептуалӣ ва гурӯҳбандии хавфҳои татбиқи механизми лоиҳаҳои сармоягузориро мавриди таҳлил қарор додааст (саҳ. 23-84).

Дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф қайд гардидааст, ки имрӯз тамоми субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд сиёсати фаъолсозии сармоягузориро нисбат ба иқтисоди миллӣ пеш баранд. Маҳз дар он вақт тағйироти назаррас ба амал меоянд, ки ба таъмини шароити мусоид барои ташаккул ва фаъолияти иқтисодии субъектҳо ва раванди саноатикунонӣ нигаронида шудаанд (саҳ. 43).

Ҳамчунин оварда шудааст, ки ҳалли самараноки вазифаҳое, ки дар Барномаҳои саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, рушди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021-2025, сармоягузориҳои давлатӣ (2021-2025) ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва дар ниҳоят, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 гузошта шудаанд, бо аҳамият ва мақоми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар низоми сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ ва паст кардани сатҳи рушди нобаробарии тафовути ҳудудии минтақаҳо алоқаманд мебошад (саҳ. 65-66).

Ба ақидаи муаллиф, мавҷуд набудани маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити иқтисодӣ бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гурӯҳи хавфҳои муайян, ки дар расми 1.6. инъикос гардидааст, алоқамандӣ дорад (саҳ. 76). Инчунин барои муайян намудани самаранокии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти саноатикунонии босуръат усули баҳодиҳии арзиши

ҷорли соф (Net Present Value - NPV) истифода гардидааст (саҳ. 81-83), ки истифодаи ин усул аз характери илмӣ доштани диссертатсия шаҳодат медиҳад.

Дар боби 2. «Асосҳои методологӣ ва идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» диссертант лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ҳамчун воситаи идоракунии раванди саноатикунонии мамлакат, ҷанбаҳои институтсионалии танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи саноат ва зарурияти такмили сиёсати сармоягузорӣ дар стратегияи рушди саноатро хулосагирӣ намудааст (саҳ. 85-143).

Муаллиф бо маврид қайд менамояд, ки механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ҳадафҳои иерархиявии хароҷот ва натиҷаҳоро дар асоси таъминоти захиравӣ ва бахшҳои афзалиятноки минтақаҳо дар раванди саноатикунонӣ дар бар мегирад. Таъкид гардидаст, ки ташаккули сиёсати давлатии минтақавии сармоягузории мамлакат ба танзимоти мақсадноки қисмати сармоягузории стратегияи умумии рушди ҷумҳурӣ ва таносуби мақсади лоиҳаи сармоягузории минтақавӣ ва базаи захираҳо асос меёбад (саҳ. 102).

Дар боби мазкур оварда шудааст, ки ошкор намудани ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии сармоягузорӣ ҳамчун воситаи рушди иқтисодӣ имкони чунин хулосабарорӣ намояд, ки вазифаҳои муҳими гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ дар кишварҳои иқтисодашон дар ҳоли гузариш ва мутараққӣ на танҳо фаъолгардонии сармоягузорӣ мебошад, балки самаранок истифодабарии онҳо. Дар марҳалаи рукуд, дар давраи таназзул ба мақсад мувофиқ аст, ки ҳиссаи сармоягузории давлатӣ дар ММД зиёд карда шавад. Дар марҳилаи рушд ва афзоиш – бозор метавонад худтанзимкунӣ ва фаъолгардониро тавассути сармоягузориҳои хусусӣ рушди сармоягузориро ба роҳ монад (саҳ. 125-126).

Ғайр аз ин, докторант қайд менамояд, ки самаранокии сармоягузориҳои давлатӣ бояд дар миқёси миллӣ ба назар гирифта шавад, зеро он ба соҳаҳои самти алоҳидаи саноат ва рушди устувори иқтисодии кишвар тамаркуз мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебоист механизми истифодабарии таъмини самарнокии сармоягузориҳои давлатӣ дар самти саноат ташкил намуд. Сармоягузориҳои калон дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории миллӣ бояд ба рушди бартариятҳои иқтидори иқтисодиёти кишвар, баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатии мавҷуда барои таъмини

шароити мусоиди зиндагонии аҳолӣ равона карда шаванд. Самаранокии сиёсати давлатии сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонӣ на танҳо аз ҳаҷми умумии сармоягузорӣ, балки ба кадом соҳаҳои мушаххаси саноат равона намудани самти сармоягузорӣ вобаста мебошад. (саҳ. 143).

Дар боби 3. «Таҳлили раванди сармоягузорӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи докторант таҳлили вазъи кунунӣ ва баҳодиҳии тавсеаи фазоии саноатии кишвар, вазъи сармоягузорӣ ба раванди саноатикунонии босуръат дар шароити муосир ва усули барномавии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ тавассути Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта шудааст (саҳ. 144-206).

Дар асоси таҳлили маълумоти ҳисобшуда дар ҷадвали 3.2. Динамикаи маблағгузории асосӣ (капиталӣ) аз рӯйи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021 (саҳ. 149) докторант хулоса намудааст, ки захираҳои сармоягузорӣ ниҳоят нобаробар тақсим шудаанд ва онҳо, асосан ба минтақаҳои саноатии кишвар рост меоянд. Агар ба суръати афзоиши нишондиҳандаҳо таваҷҷуҳ зоҳир намоем, пас маълум мегардад, ки ҳар сол нишондиҳандаҳо афзоиш меёбанд, вале дар соли 2020 дар ҳаҷми маблағгузории асосии минтақаҳо кам ба мушоҳида мерасад, ки дар қиёс бо соли 2019 ба маблағи беш аз 740 ҳаз. сомонӣ кам шудааст. Сабаби паст гардидани ин нишондиҳанда бо таъсири манфии пандемияи COVID-19 алоқаманд мебошад. Аммо нишондиҳанда дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 то 3349 млн. сомонӣ зиёд гардидааст (167-168).

Муаллиф таҳлили вазъи сармоягузориро ҷамъбаст намуда, қайд менамояд, ки ба эътидол овардани равандҳои сиёсию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба таҳияи сиёсати сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръат ва механизмҳои татбиқӣ он вобаста аст (саҳ. 184)

Докторант собит намудааст, ки сарчашмаи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ аз маблағгузории берунӣ - қарзҳо ва грантҳо аз ҷониби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва минтақавӣ, буҷети давлатӣ – саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маблағҳои ғайрибуҷетӣ - саҳми муассисаю идораҳои давлатӣ, ҳукуматҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ, агентии хоҷагидорӣ – саҳми субъектони хоҷагидорӣ, соҳибкорон иборат буда, яке аз элементи усули барномавии маблағгузории

лоиҳаҳои сармоягузорӣ баромад мекунанд. Соҳаҳои гидроэнергетика, маориф, нақлиёт, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, кишоварзӣ, обёрӣ ва обтаъминкунӣ, обтаъминкунӣ ва канализатсия ва соҳаи мултисектор ва дигар бахшҳо ҳамчун секторҳои инфрасохторӣ ва мусоидаткунанда барои саноатикунонии босуръат асоснок гардидаанд (саҳ. 206).

Дар боби 4. «Хусусиятҳои татбиқи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноати минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муаллиф лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ, ҳамчун воситаи ҳамворакунии рушди ҳудудии саноатикунонии босуръати минтақаҳо, хусусиятҳои амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати минтақаҳои Душанбе, НТМ, Суғд, Хатлон ва ВМКБ-ро таҳлил намуда, хулосагирӣ намудааст (саҳ. 207-272).

Дар рисола аз ҷониби муаллиф бо маврид қайд гардидааст, ки хусусияти танзими давлатӣ ва мушкилоти ҷалби сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои сармоягузории минтақавии дарозмуддат дар он аст, ки минтақаҳои мамлакат нобаробар инкишоф меёбанд, аз ин рӯ ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор мешавад, ки сармоягузориҳои ҷалбшудаи хориҷиро, махсусан дар ташкил ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории дарозмуддат дар минтақаҳои ҷумҳурӣ баробар тақсим намояд (саҳ. 230).

Ҳамзамон, докторант сармоягузориҳои асосии хориҷии ҷалбшударо дар минтақаҳои кишвар таҳлил намуда, хулосагири намудааст, ки ба ҳиссаи минтақаи Душанбе бинобар сабаби мавҷуд будани инфрасохтори баланд бештар рост меод. Ҳарчанд минтақаи Душанбе минтақаи аграрӣ нест, аммо бо доштани инфрасохтори баланд, сармоягузорон барои худ муфид медонанд, ки сармояи доштаашонро барои тезтар боздеҳӣ маҳз дар ин минтақа гузоранд (саҳ. 246).

Дар боби мазкур диссертант ба таҳлили минтақаҳо таваҷҷӯҳ намуда, қайд менамояд, ки минтақаи Хатлон нисбат ба дигар минтақаҳо аз лиҳози ашёи хом хеле бою ғанӣ ва иқтидори калон дорад, аз ин рӯ, нишондиҳандаҳои мазкур дар саноатикунонии босуръати иқтисодиёт ҳоло ҳам қаноаткунанда ба ҳисоб намераванд (саҳ. 271).

Дар боби 5. «Такмилдиҳии механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» докторант роҳҳои баланд бардоштани сифат ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат, механизми дусатҳаи идоракунии татбиқӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои ҳадафноки стратегии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 273-326)

Муаллиф бо маврид қайд намудаст, ки лоиҳаи сармоягузорӣ дар суръате самаранок ҳисобида мешавад, ки агар тарафҳои лоиҳаи сармоягузорӣ пас аз гирифтани маблағҳои гузоштаи худ даромади иловагӣ низ ба даст биоранд (саҳ. 295).

Баъд аз таҳлилҳои амиқ, докторант собит намудааст, ки механизми дусатҳаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки унсури муттаҳидкунандаи ҳадафҳои рушди сармоягузорӣ ва дастгирии сармоягузорӣ мебошад, ҳамчун зарурияти объективӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи ҳам Барномаи сармоягузортиҳои давлатӣ ва ҳам лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ мебошад баромад менамояд. Механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ин роҳи татбиқи барномаҳои стратегии рушди иқтисоди миллии мамлакат мебошад, ки ба ҷалби сармояи воқеӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ва минтақаҳо, ташаккули робитаҳои уфуқӣ ва амудии идоракунӣ байни институтҳои миллии идоракунӣ, институтҳои пешниҳодкунандаи захираҳои молиявӣ ва субъектҳои идоракунандаи сатҳи минтақавӣ асос ёфтааст (саҳ. 308).

Дар **хулоса,** хулосаҳои асосии назариявӣ ва тадбирҳои амалӣ пешниҳод карда шудаанд, ки расидан ба ҳадафи гузошташуда ва ҳалли вазифаҳои ин таҳқиқотро инъикос мекунанд (саҳ. 327-333).

Хулоса ва натиҷаҳои рисолаи илмии мазкур барои истифода ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (санади татбиқ аз 07.02.2023, №19-250), Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (санади татбиқ аз 17.02.2023, №2-1г/58), Шурои машваратии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ (санади татбиқ аз 15.02.2023, №10/И-с) ва дар раванди дарсгузарӣ дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (натиҷаҳои таҳқиқот аз 06.02.2023, №01/48) пешниҳод гардидааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳамчун заминаи коркардҳои илмӣ дар фаъолияти амалӣ ва таҳияи минбаъдаи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ

дар раванди идоракунии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар ба инобат гирифта шаванд.

Маводи таҳқиқотиро ҳангоми хондани лексия оид ба курси “Сармоягузории байналмилалӣ”, “Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ”, “Менеҷменти молиявӣ”, “Муносибатҳои байналмилалии асъорӣ-қарзӣ”, инчунин ҳангоми хондани маърузаҳо дар курси махсус оид ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноатикунонии босуръат ба ихтисосҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбии кишвар хондан мумкин аст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот ба муқаррароти бунёдии олимони ватанӣ ва муҳаққиқони мамолики дигар дар идоракунии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории саноат, баррасии масъалаи тавсеаи фазои саноатӣ дар саноатикунонии босуръати кишвар асоснок карда шудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Вобаста ба рисолаи илмӣ аз тарафи муҳаққиқ 65 корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ иҷро гардидааст, ки 54 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад. Аз онҳо 15 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

Сохтори диссертатсия дар асоси мақсаду вазифаҳои дар он гузошташуда муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, 60 ҷадвал, 21 расм, хулосаву пешниҳод иборат буда, бо истифода аз 337 сарчашма таҳия карда шуда, дар 393 саҳифаи компютерӣ омода карда шудааст.

**Эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда.**

Ба андешаи мо, дар баробари ҷанбаҳои мусбат, ба диссертатсияи тақризшаванда як қатор эроду тавсияҳоро пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Дар бахши назариявии диссертатсия муаллиф бояд масъалаҳои илмию методологии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузориро ба тавri васеътар мавриди омӯзиш қарор медод.

2. Ба манфиати рисолаи докторӣ мебуд, агар диссертант роҳҳои ҷалби сармоягузории бахши хусусиро муайян менамуд, чунки то ҳол аҳолии кишвар воситаҳои пулии худро ба бонк ё дигар сохторҳои молиявӣ намегузоранд. Дар

ин ҷода, онҳо метавонистанд ҳамчун сармоягузор дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти саноатикунонии босуръат гарданд.

3. Ба андешаи муаллиф модели идоракунии раванди сармоягузории давлатӣ дар асоси усулҳои махсуси мустақим ва ғайримустақими молиявӣ ва танзими идоракунӣ амалӣ мегардад (саҳ. 111). Хуб мешуд агар муаллиф ин усулҳоро пурра тавзеҳ медод.

4. Дар боби панҷуми диссертатсия роҳҳои баланд бардоштани сифат ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ба манфиати кор мебуд агар муаллиф усулҳои арзёбии сифати онҳоро нисбатан пурратар мавриди баррасӣ қарор медод.

5. Дар диссертатсия ва автореферати он як қатор хатогиҳои имлой дида мешаванд.

Аммо эроду тавсияҳои зикршуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Сафоев А.К.-ро коҳиш намедиҳад. Дар умум диссертатсияро метавон гуфт, ки таҳқиқоти ба итмомрасида аст, мустақилияти муаллиф дар омода намудани он эҳсос мешавад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Тахассуси илмии Сафоев Абдумаҷид Каримович довталаби дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мутобиқат мекунад.

Умуман, диссертатсия дар мавзӯи «Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо ба талаботҳои муқарраршуда мутобиқ буда, кори илмии асоснокгардидаи ба итмом расида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавидошта ба шумор рафта, муаллифи он Сафоев Абдумаҷид Каримович сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мебошад.

Тақриз дар маҷлиси кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 20 июни соли 2023, протоколи № 10 баррасӣ ва тасдиқ карда шуд.

Раиси маҷлис:
Декани факултети МИБ ва ҳуқуқ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Рустамов Ф.М.

Эксперт:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон
ва муносибатҳои байналмилалӣ Дустбоев Ш.

Котиби маҷлис:
Мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон
ва муносибатҳои байналмилалӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳомидов А.Н.

“Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Рустамов Ф.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дустбоев Ш. ва номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳомидов А.Н.-ро тасдиқ менамоям”.

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**

**Суроғаи муассисаи пешбар**:
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти, ½.
тел: (+992) 234-85-46, e-mail: tguk@mail.ru